**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна тахти унвони «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки дар Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.**

Муқоиса ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни грамматикӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин навъи таҳқиқот имкон фароҳам меоварад, ки забонҳои муқоисашаванда ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз лиҳози мувофиқатии маъноӣ пайдо намудан бо аксари масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ шинохта шаванд ва натиҷаҳои онҳо дар корҳои гуногуни илмиву таълимӣ, аз он ҷумла тарҷума ва тарҷумашиносӣ низ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсияе, ки аз ҷониби Саидова М.А. дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» таҳқиқ гардидааст, паҳлуҳои хоси грамматикаи забонҳои муқоисашавандаро фаро мегирад.

Тавре ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддимаи таҳқиқот оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми

шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натичаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳачми диссертатсия сухан меравад.

Боби якуми диссертатсия «Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои точикию англисӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Муҳаққиқ дар боби зерин масъалаҳои мушкилоти омӯзиши муқоисавии нутқи мазмунан нақлшударо таҳқиқ намуда, дар баробари ин, ба хусусиятҳои сохториву маъноии он таваччуҳ намудааст. Дар боби мазкур асосан масъалаҳои назариявии омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони точикӣ » унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Муҳаққиқ дар боби мазкур масъалаҳои омӯзиши хусусиятҳои хоси нутқи мазмунан нақлшударо бо назардошти қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ба миён гузоштааст. Хусусиятҳои хоси забонҳо дар заминаи тарчумаи бевоситаи асари бадеӣ таҳқиқ шуда, хулосаву андешаҳои тоза низ пешниҳод гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Усулҳои ифодаи навъҳои гуногуни чумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ » номгузорӣ карда шуда, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб усулҳои ифодаи намудҳои гуногуни чумлаҳо, ки ба нутқи мазмунан нақлшуда рабт доранд, таҳқиқ шуда, хусусиятҳои сохториву семантикӣ, доира ва усулҳои истифодаи онҳо дар забонҳои англисӣ ва точикӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар хулоса муаллиф нукоти асосии таҳқиқотро дар асоси маводи мушаххаси амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хешро бо хулосаву натичаҳои арзишманд чамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои точикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои чоп намудаи муаллиф ҳам ба талабот чавобгӯ аст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд:

1. Дар диссертатсия мисолҳо барои тақвияти андешаҳо камтар ба назар мерасанд, қоидаи мутобиқатии замонҳои англисӣ фарққунанда аст ва хуб мешуд, агар дар ин самт тавассути намунаҳо андешаҳои муҳаққиқ дақиқтар карда мешуданд.

2. Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан наклшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ», дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири
кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии
Донишгоҳи милии Тоҷикистон Раҳимов Маҳмадназар Сафарович
**Суроға корӣ:** 734025.Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш.Душанбе. хиё: Рудакӣ 17.
**Тел:** (+ 992) 918929919
**E-mail:** max_9109@mail.ru

Имзои Раҳимов М.С.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Тавқиев Э.Ш .

06.03.2023